**Рафти иҷрои Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои солҳои 2015-2020 дар нимсолаи якуми соли 2016**

Вобаста ба иҷрои тавсияи 6 оид ба барномаҳои такмили ихтисоси судяҳо, адвокатҳо ва шахсони мансабдори давлатӣ илова намудани омӯзиши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон Суди Олӣ, Агентии хизмати давлатӣ ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандон курсҳои такмили ихтисосро баргузор намуданд. Аз он ҷумла, 16 курси такмили ихтисос бо ҷалби 778 нафар хизматчиёни давлатӣ (238 нафар занон) дар мавзӯъҳои татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва таъмини баробарии гендерӣ дар хизмати давлатӣ ташкил ва баргузор карда шуд.

Агентии хизмати давлатӣ омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон, такмили методҳои таълимӣ бо мақсади ҷорӣ намудани курсҳои махсусгардонидашуда, таҳияи курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос оид ба ҳуқуқи инсон, таъсиси механизми мониторинг, таҳлил ва арзёбии таълим оид ба ҳуқуқи инсонро дар бахши хизмати давлатӣ ба роҳ монд.

Тавсияи 7 оид ба қабул ва татбиқи Консепсия дар бораи пешниҳод намудани ёрии ҳуқуқии ройгон, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқии ройгон» қисман амалӣ гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №425 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд. Тибқи он низоми ёрии ҳуқуқии ройгон, субъектҳое, ки ёрии ҳуқуқии ройгонро мерасонанд ва дигар масъалаҳо муайян гардиданд.

Барои татбиқ намудани Консепсияи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2015, № 704 муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» таъсис дода шуд. Фаъолияти муассиса барои амалӣ намудани Косепсияи номбурда равона карда шудааст.

Консепсия се намунаи ёрии ҳуқуқии ройгонро барои таҷриба муайян намудааст, ки ин намунаҳо аз ҷониби бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷайҳун, Деваштич, Ваҳдат, Б.Ғафуров, Панҷакент ва Васеъ амалӣ гардида истодаанд. Дар соли 2016 аз тарафи кормандони бюроҳои давлатии ҳуқуқии номбаршуда ба 162 нафар шаҳрвандон маслиҳати ҳуқуқии ройгон дода шуд.

Оид ба муҳокимаи васеи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ (тавсияи 10) Вазорати адлия иттилоъ дод, ки тибқи моддаи 27

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2016, №149 «Дар бораи тартиби ташкил ва пешбурди феҳристи кумаки башардӯстона ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Тибқи он фаъолияти молиявии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда шуда, механизми маблағгузории фаъолияти онҳо шаффоф гардид. Дар асоси қисми 3 Тартиби зикршуда иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ уҳдадоранд дар сурати гирифтани пардохтҳои ихтиёрӣ, хайрияҳо, грантҳо ё молу мулк мақоми бақайдгирандаро дар давоми 10 рӯз огоҳ намоянд. Инчунин бо фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2016, №95 «Огоҳинома дар бораи гирифтани пардохтҳои ихтиёрӣ, хайрияҳо, грантҳо ё молу мулк аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шахсони ҳуқуқие, ки бо иштироки субъектҳои хориҷӣ таъсис ёфтаанд, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятии байналмилалӣ» тасдиқ карда шуд.

Тавсияи 12 марбут ба таъмин намудани иштироки нисбатан фаъоли тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) дар баамалбарории арзёбии амалишавии стратегияи зиддикоррупсионии кишвар, аз ҷониби онҳо пешниҳод намудани тағйироту иловаҳо дар давоми амалишавии Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, таъсис ва таъмини фаъолияти самараноки комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирӣ кардани коррупсия дар назди тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, бо мақсади ба вуҷуд овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ошкор кардан, огоҳӣ ва пешгирии раванди коррупсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул гардид. Барои сари вақт ошкор ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ тибқи Қонуни зикршуда санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ гузаронида мешаванд. Экспертизаи мазкур аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумот байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади ҳатмӣ будани баррасии хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мустақилият ва ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда вобаста намудани экспертҳо амалӣ мегардад.

Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ гардидааст, чораҳои васеи маҷмӯии ташкилӣ, меъёрии ҳуқуқии пешгирӣ ва паст кардани шиддатнокии сатҳи коррупсиониро дар ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд, ки онҳо марҳила ба марҳила амалӣ шуда истодаанд. Бобати таъмини иҷрои банди 2 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия натиҷаи иҷрои Барнома ва Нақшаи мазкур дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ 29 ноябри соли 2014 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, бо фармоиши Агентии хизмати давлатӣ аз 29 ноябри соли 2014, №7 Нақшаи нави чорабиниҳои Агентӣ барои солҳои 2015-2016 иборат аз 29 банд тасдиқ гардид.

Дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монда шуда, 8 соат дарсҳо ба омӯзиши асосҳои ташкили ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Инчунин барномаи таълимӣ аз фанни сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расид.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар ҷараёни мубориза бар зидди коррупсия аз тарафи кормандони милитсия дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ мунтазам бо аҳолии кишвар вохӯриҳо гузаронида шуда, дар он аз воситаҳои ахбори омма ва интернет истифода бурда мешавад.

Дар натиҷаи санҷиши ахбори оперативии воридшуда дар давраи 5 моҳи соли 2016 аз тарафи кормандони милитсия 173 ҷиноят дар самти мубориза бо коррупсия муайян ва ошкор гардидааст.

Оид ба таҳия ва амалинамоии барномаҳои таълимӣ барои духтарону заноне, ки таҳсилро дар мактаб бармаҳал тарк кардаанд (ташкил кардани курсҳо, марказҳои таълимӣ, мактабҳои шабона), анҷом додани мониторинги доимӣ ва арёбии сиёсати амалишавандаи гендерӣ, ҳамчунин анҷом додани мониторинги амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарии амалигардонии онҳо», иҷрои тавсияҳои Кумита оид ба рафъи табъиз нисбати занон ва нашри ҳисоботи ҳарсола дар воситаҳои ахбори омма вобаста ба натиҷаҳои мониторинг (тавсияи 16) дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии ғоибона барои наврасон ва калонсолон таъсис дода шудааст. Муассисаи мазкур таҳсили шаҳрвандонро дар зинаи дуюми таҳсилот (синфҳои 10-12) амалӣ менамояд. Тибқи тартиб дар як сол 2 маротиба ба муддати як моҳ хонандагон ба сессия даъват карда шуда, баъди анҷоми соли таҳсил дар

синфҳои 5-8 ва 10-11 аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва дар синфҳои 9, 12 аттестатсияи хатм ба хонандагон дода мешавад. Таҳсил дар муассисаи мазкур тибқи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, айни замон 402 нафар хонанда, аз ҷумла 229 нафар занону духтарон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар соли таҳсили 2015-2016 муассисаи мазкурро баъди синфи 9 87 нафар ва баъди синфи 12 196 нафар хатм намуданд.

Барои ташвиқу тарғиби баробарии гендерӣ дар ҷомеа, пешгири хушунат дар оила, ҳимояи ҳуқуқҳои занон, амалишавии ҳуқуқҳои баробари мардону занон маводи тарғиботӣ-иттилоотӣ, ба монанди буклетҳо, китобчаҳо, варақаҳо ба чоп расонида шуда, байни аҳолӣ паҳн карда шуд. Инчунин тариқи шабакаҳои телевизион ва радио дар барномаҳои «Гиреҳ», «Бозтоби андеша», «Андеша», «Ҳарфи рӯз», «Субҳ» ва «Оинаи садоқат» оид ба масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва афзалияти нуфузи фаъолияти бештари занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда баромадҳо бо иштироки коршиносани соҳа намоиш дода шуд.

Дар иртибот бо тавсияи 17 оид ба анҷом додани «Таҳқиқи қувваи корӣ», тариқи пешниҳод намудани хизматрасониҳои касбии мақсаднок ва машваратӣ таъмин кардани ҷойҳои кории доимӣ, ҷалб намудани ҷавонон ба курсҳои касбомӯзии кӯтоҳмуддат, ба иҷро кардани корҳои ҷамъиятии музднок ва дастгирии соҳибкорон, васеъ намудани барномаҳои омӯзиши касбии занон аз рӯи ихтисосҳое, ки бозори меҳнат тақозо дорад, васеъ намудани номгӯи ихтисосҳои пешниҳодшаванда дар Марказҳои таълимӣ барои калонсолони назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мусоидат намудан ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ байни ҷавонон ва занон, таҷдиди назар намудани квотакунонии ҷойҳои корӣ вазорату идораҳо пайваста фаъолият доранд.

Дар доираи Лоиҳаи грантии «Татбиқи Стратегияи рушди омори миллӣ барои солҳои 2015-2018» бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ аз ҷониби Агентии омор таҳқиқи қувваи корӣ дар соли 2016 амалӣ мегардад. Дар соли 2015 корҳои омодагӣ, листинги тадқиқоти қувваҳои корӣ барои муайян намудани кластер ва хонаводаҳои интихобгардида гузаронида шуд.

Дар соли 2016 интихобан дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз тарафи кормандони махсус омӯзонидашуда бо роҳи пур кардани саволномаи стандартии Созмони Байналмилалии Меҳнат гузаронида мешавад. Мақсади гузаронидани тадқиқоти мазкур ин ҷорӣ намудани стандартҳои нави байналмилалӣ оид ба фаъолияти меҳнатӣ, муайян намудани ҳиссаи шуғли ғайрирасмӣ ва дигар мушкилиҳои дар бозори меҳнат ҷойдошта

мебошад. Маълумоти бадастомада имконият медиҳад, ки вазъи воқеии бозори меҳнати кишвар баҳо дода шавад.

Тибқи маълумоти оморӣ дар моҳҳои январ – марти соли 2016 дар корхонаю ташкилотҳо 14978 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Аз шумораи умумии ҷойҳои нави кории таъсисдодашуда 11818 (78,9%) ҷойҳои кории доимӣ ва 3160 (21,1%) ҷойҳои кории муваққатӣ ва мавсимӣ мебошанд. Инчунин дар ин давра 320 ҷойи кории иловагӣ ва 350 ҷойи кори барқароршуда ташкил карда шуд. Дар маҷмӯъ аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ 15648 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Ҷойҳои корӣ дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ (1722), саноати коркард (1359), саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо (294) ва сохтмон (2457), башхи хизматрасонӣ ва соҳаи маориф (4220), тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (568), дигар намуди хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ (1341) ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (3017) мебошанд.

Дар моҳи январ – марти соли 2016 аз тарафи шахсони воқеӣ 20173 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Аз онҳо 9138 (45,3%) ҷойи кории доимӣ ва 11035 (54,7%) ҷойҳои кории муваққатӣ, мавсимӣ ва иловагӣ мебошад. Аз ин шумора 6626 (32,8%) ҷойи корӣ дар соҳаи кишоварзӣ, 1413 сохтмон, 6716 савдо, 1247 нақлиёт, 569 дар намуди фаъолияти меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо мебошад.

Дар фаъолияти мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад. Дар давраи ҳисоботӣ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 3227 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд, ки аз ин теъдод 871 нафарашон занон ва 887 нафарашонро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба дастгирии ташаббуси соҳибкории занон ва ҷавонон аҳамияти махсус дода шуда, ба 1163 нафар занон дар ҳаҷми 3453787 сомонӣ ва ба 763 нафар ҷавонон ба андозаи 2270322 сомонӣ кумаки молиявӣ пардохт гардид. Дар баробари ин, 1581 нафар занон ва 1510 нафар ҷавонон ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд.

Тибқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар нимсолаи якуми соли 2016 1865 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 68,3% нақшаи солонаи Барнома баробар аст ва аз ин шумора 909 нафарро (48,7%) занон ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори

Кӯҳистони Бадахшон 84 нафар, вилоятҳои Суғд 457, Хатлон 639, шаҳри Душанбе 296 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 389 нафар.

Таҳлили раванди бокортаъминшавӣ дар ҷойҳои кории бандшуда нишон медиҳад, ки дар чунин ҷойҳои корӣ 86 нафарро маъюбон, 15 нафарро ятимони ноболиғ, 170 нафарро шахсони аз Қувваҳои Мусаллаҳ ба рухсатӣ эҳтиётшуда, 98 нафарро шахсони аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва муассисаҳои табобати маҷбурӣ ҷавобшуда, 421 нафарро волидони яккаву танҳо ва инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва маъюб доранд, 469 нафарро волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд, 19 нафарро шахсони то синни 18-сола, ки бо сабаби вафоти волидайн ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба уҳда доранд, 97 нафарро шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст, 490 нафарро шаҳрвандони то синни 18-сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роххати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Дар давоми нимсолаи соли 2016 аз ҷониби мақомоти назоратии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ вобаста ба ҳолати риояи қонунгузории меҳнат фаъолияти 1231 адад субъектҳои хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шуд, ки аз он 567 санҷиш ба масъалаҳои меҳнат, 418 санҷиш ба масъалаҳои бехатарии меҳнат ва риояи стандартҳо, 221 санҷиш ба масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва 25 санҷиш ба масъалаҳои муҳоҷират мувофиқ меояд. Барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар давраи ҳисоботӣ ба 195 нафар корфармоён дар ҳаҷми 168 ҳазору 600 сомонӣ ҷарима таъин карда шуд, ки аз ин 150 ҳазору 400 сомонӣ ба буҷет пардохт гардида, 18 ҳазору 200 сомонӣ дар марҳилаи ба буҷет супоридан қарор дорад. Дар ин давра ҳодисаҳои ғайриқонунӣ рад кардани қабули шахсони имконияташон маҳдуд ба кор ошкор нагардидааст.

Дар муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» 10 адад стандарти таълимӣ, 28 адад барномаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои омӯхташаванда таҳия ва нашр гардиданд, аз ҷумла дастурамали корҳои методӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, саволҳои тестӣ-санҷишӣ аз фанни «Ҳуқуқи инсон», дастурамал оид ба усулҳои коркарди методӣ, дастурамал оид ба хонишҳои педагогӣ, дастурамал оид ба арзёбии дониш, маҳорат ва малакаи касбии хонандагони муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, дастури методӣ оид ба таҳияи саволу масъалаҳои тест ва гузаронидани имтиҳонҳои тестӣ дар

муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, дастури методии «Сохтори дарс (машғулият)-таълими истеҳсолӣ», дастури методӣ оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, тавсияи методии «Талаботи педагогии таҳлили дарс», глоссария (луғат) барои соҳаи сайёҳӣ.

Барномаи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон ва Низомномаи гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Кабинети методии беҳтарин дар байни муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» таҳия ва ба тасвиб расонида шуда, муассисаҳои давлатии таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо маводи болозикр таъмин гардиданд.

Дар баробари ин, китобҳои дарсии тахассусии «Сохт ва хизматрасонии техникии автомобил», «Қоидаҳои ҳаракати роҳ», «Кафшери барқӣ», «Асосҳои механикаи техникӣ», «Амсиласозӣ ва ороиши бадеии либос», «Тракторҳо», «Сохти компютери фардӣ», «Назарияи муҳосибӣ» таҳия ва нашр гардиданд. Лоиҳаи китобҳои дарсии тахассусии «Таҷҳизот барои кафшери барқӣ ва газӣ», «Технологияи компютерӣ дар истеҳсолоти дӯзандагӣ» ва «Барномаи офисӣ» дар ҳолати таҳия ва таҳрир қарор доранд.

Маҷмӯаи нақшаҳои таълимӣ аз рӯи ихтисосҳои омӯхташавандаи 1-2-сола, нақшаҳои таълимии курсҳои кӯтоҳмуддат барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон ва нақшаҳои таълимӣ аз рӯи касб ва ҳунарҳои мардумӣ, 2000 нусха журнали таълими назариявӣ, 2000 нусха журнали таълими истеҳсолӣ, 1500 нусха журнали таълими назариявӣ ва амалӣ барои курсҳои кӯтоҳмуддат ва 8800 рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ нашр ва тибқи талабот дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуданд.

Дар давоми солҳои хониши 2014-2015 ва 2015-2016 зиёда аз 80 маротиба дар муассисаҳои таълими соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мониторинги сатҳ ва сифати таълим, аз ҷумла дар вилояти Хатлон - 23, вилояти Суғд - 28, шаҳри Душанбе - 17, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 2 ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1 маротиба гузаронида шуда, дар рафти он ба кормандони муҳандисӣ-омӯзгории муассисаҳои таълимӣ кумаки методӣ расонида, барои ислоҳ намудани камбудӣ ва норасоиҳои ҷойдошта дастуру тавсияҳо дода шуд.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, коршиносони байналмилалӣ лоиҳаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2016-2020-ро тахия карда, он ҳоло дар мувофиқа бо вазорату идораҳо қарор дорад.

Оид ба баланд бардоштани ҳадди ақали музди меҳнат то ба сатҳе, ки кормандон ва аъзои оилаи онҳоро бо шароити арзандаи ҳаёт таъмин намояд (тавсияи 19), фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва стипендия» аз 6 июни соли 2016, №697 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2016, 697» аз 21 июни соли 2016, №259 қабул гардиданд.

Иҷрои тавсияи 20 низ таҳти назорати вазорату идораҳо қарор дорад. Бо мақсади мусоидат кардан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ корфармо (роҳбари мақоми давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» корҳои зайлро амалӣ мекунад:

- барои мардону занон ҳангоми бастани шартномаҳои меҳнатӣ имкониятҳои баробар муҳайё менамояд;
- ба мардону занон ҷойҳои (вазифаҳои) холии корро баробар дастрас мегардонад;
- барои мардону занон ҳангоми иҷрои кори якхела ё коре, ки қиматаш баробар аст, музди меҳнати (мукофоти) баробар медиҳад;
- барои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, болоравӣ дар хизмат имконияти баробар муҳайё менамояд;
- шароити якхелаи бехатарии меҳнатро, ки барои ҳаёт ва саломатии ҳам мардон ва ҳам занон зарур аст, таъмин менамояд.

Дар 6 моҳи аввали соли 2016 дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ҳазору 862 (1236 занҳо) ба касбомӯзӣ тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат фаро гирифта шуд. Тайи солҳои охир раванди муосир дар фаъолияти хизматрасонии таълими касбӣ ин роҳандозии омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ мебошад, ки тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №375 «Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз 1 декабри соли 2014, №737 «Дар бораи Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» амалӣ карда мешавад.

Бо мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълимии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 6572 нафар занону

духтарони хонашин ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили «Қолинбофӣ» 594 нафар, «Қуроқдӯзӣ» 195, «Бофанда» 521, «Гулдӯзӣ» 404, «Дӯзанда» 3197, «Сӯзанидӯзӣ» 80, «Заргарӣ» 58, «Зардӯзӣ» 71, «Адрасбофӣ» 925, «Тарроҳ» 152, «Ҷомадӯзӣ» 38, «Бофандаи маҳсулоти пашмин» 15, «Кешбофӣ» 11, «Сабадбофӣ» 20, «Тоқидӯзӣ» 40, «Шероздӯз» 20, «Муҳрабофӣ» 55, «Дӯзанда-гулдӯз» 25 «Намадбофӣ» 55 «Чакандӯз» 40 ва 56 нафар «Дӯзанда-бурранда» ҷалб гардиданд.

Оид ба масъалаи зина ба зина баланд бардоштани ҳаҷми нафақапулӣ ва кумакпулиҳои ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дахлдошта дар доираи ислоҳоти гузаронидашаванда ва ба инобат гирифтани баробарҳуқуқии мардон ва занон ҳангоми таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии таъминоти нафақа (тавсияи 21) тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Тибқи фармони Президенти Ҷумҳури Тоҷикитон аз 6 июни соли 2016, №697 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 1 июли соли 2016 андозаи ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шуда, ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ аз 130 сомонӣ ба 156 сомонӣ ва ҳадди ниҳоии нафақаи меҳнатӣ аз рӯи сину сол аз 624 сомонӣ ба 748,80 сомонӣ дар як моҳ расонида шуд. Дар баробари ин, нафақаҳои меҳнатии амалкунандаи нафақагироне, ки кор намекунанд, ба андозаи 30 фоизи ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол зиёд гардид. Қисми суғуртавии нафақаҳои суғуртавӣ ба андозаи 5 фоиз индексатсия карда шуд.

Оид ба иҷрои тавсияи 22 вобаста ба фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо дар дигар кишварҳо, зиёд кардани кормандони консулгарӣ ва намояндагии Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия дар дастгоҳи марказии Хадамоти муҳоҷират, раёсатҳои он дар шаҳру вилоятҳо ва намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Русия шабонарӯзӣ телефонҳои боварӣ фаъолият доранд. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳамаи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, инчунин оид ба поймол гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон метавонанд муроҷиат намоянд ва маслиҳатҳои муфид гиранд.

Дар Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2016-2017 ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ба касбомӯзии бештар фарогирии онҳо, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мусоидат ба муҳоҷирони меҳнатӣ барои дарёфти кор ва

фароҳамсозии заминаи мусоиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини босамари фаъолият ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо бандҳои алоҳида ва мушаххас пешбинӣ шудааст. Бо мақсади таъмин намудани дастрасии оммавии шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва табодули иттилоот миёни сохторҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва васоити ахбори умум дар ҳамкорӣ бо Созмони Байналмилалии Муҳоҷират ва бо дастгирии молиявии Вазорати рушди ҳамкориҳои байналмилалии Британияи Кабир дар шабакаи Интернет торнамои «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ» бо нишонии www.kor.tj таъсис дода шуд. Торнамои мазкур ҳар моҳ маълумотро оид ба беш аз 10 ҳазор ҷойҳои кории холӣ ва касбу ихтисосҳои муассисаҳои таълимии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ мунтазам пешниҳоди шаҳрвандон мегардонад. Таъсис додани торнамои мазкур дар доираи татбиқи афзалиятҳои муайяншуда дар Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 амалӣ гардида, мубодилаи электронии маълумотро миёни мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ таъмин менамояд ва қадами устувор дар ташкили ин низом буда, дар баробари ин, фарогирӣ маълумот дар бораи тозатарин хабарҳо ва навгониҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, тадбирҳои амалишаванда дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, пурсиши корфармоён ва афкори шаҳрвандон мебошад ва имконияти ҳамкориро бо ҷомеа, фаъолияти озод ва фавриро бо васоити ахбори омма таҳким мебахшад.

Дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуда, ҷиҳати амалӣ намудани он гурӯҳҳои корӣ бо ҷалби кормандони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин раёсатҳои корҳои дохилӣ, тандурустӣ ва маориф таҳти ҳамоҳангсозии раёсатҳои Хадамоти муҳоҷират дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе таъсис дода шуд.

Мутобиқи нақшаи чорабиниҳои болозикр дар соли 2016 аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ вохӯриҳои судманд бо фаъолони шаҳру ноҳияҳо, сархатибони масҷидҳо, директорони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзгорон, волидайни муҳассилини макотиби ҳамагонӣ, раисони ҷамоатҳо, ҷавонон ва сокинони шаҳру ноҳияҳо оид ба танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Федератсияи Русия дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои 2014 ва 2015, тартиби гирифтани иҷозат барои кор ва патент, сертификати забони хориҷӣ ва алалхусус русӣ, суғуртакунонӣ, сабабҳои рондашавии (депортатсияи)

муҳоҷирони меҳнатӣ ва пешгирии касалиҳои сирояткунанда баргузор гардиданд. Дар вохӯриҳо дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ аз ҷониби аъзои гурӯҳҳо ҳамаи паҳлуҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла навовариҳо дар қонунгузории амалкунандаи Федератсияи Русия дар ин самт, ки аз 1 январи соли 2015 мавриди амал қарор дода шудаанд, тартиби будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Русия, гирифтани иҷозат барои кор ва патент, масъалаҳои касбомӯзӣ ва забономӯзӣ, донистани таъриху тамаддуни кишвари будубош, пешгирии касалиҳои сирояткунанда ва ғайра ба ширкаткунандагон муаррифӣ гардиданд.

Дар маҷмӯъ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 710 вохӯрӣ ташкил гардид, ки ҳамагӣ 59258 нафар шаҳрвандони кишварамон иштирок намуданд. Тибқи нақша ташкил намудани намояндагии Хадамоти муҳоҷират дар дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар назар аст, ки ин ҷиҳати боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ мусоидат менамояд. Ҷиҳати пурзӯр намудани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ролики телевизионӣ дар мавзӯи «Қонунҳои нави Федератсияи Русия дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ»-ро таҳия намудааст, ки ҳоло дар тамоми шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ пахш гардида истодааст. Инчунин оид ба навовариҳо дар қонунгузории Федератсияи Русия дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷиҳати бурдани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ дар байни аҳолӣ гурӯҳҳои корӣ ташкил карда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад.

Дар робита бо тавсияи 24 оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон аз рӯи тамоми ҷанбаҳои меҳнати кӯдакон тибқи фармоиши Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, № 52 аз нав Низомнома ва ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак тасдиқ гардид. 10 июни соли 2016 ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ оид ба барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак оид ба масъалаи Нақшаи амалҳо оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва вазифаҳои вазорату идораҳои дахлдор гузаронида шуд.